***Сарвиноз Давлатзода** - н.и.п., мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат тарбияи ҷисмонӣ омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии ПРМ АТТ.*

# МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ ОМИЛИ МУҲИМИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН

Дар меҳвари сиёсати имрӯзаи иҷтимоии кишварамон масъалаҳои ҳолатҳои зиддикоррупсионӣ, аввалиндараҷа ба шумор рафта, сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини некӯаҳволии мардуми кишвар ва барои муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамоно муассир ва тақдирсоз боқӣ мемонад. Аз ин хотир, муқовимат бо коррупсия ҷузъи муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, амалӣ намудани ин сиёсат раъйи қавии сиёсӣ, ташаккули заминаҳои боэътимоди ҳуқуқию ниҳодӣ, банақшагирии стратегӣ ва ҷалб намудани аҳли ҷомеаро тақозо менамояд. Коррупсия фақат ҳодисаи ҷиноӣ набуда, ҳамчун раванди иртиҷоии иҷтимоӣ заминаҳо ва хосиятҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва ғайраҳоро ба ҳам пайвастааст. Дарки хатари коррупсия ва оқибатҳои манфӣ доштани он ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда, зарурат пайдо гардид, ки дар ин самт санади байналмилалӣ қабул карда шавад, то ки он тавонад давлатҳоро атрофи ин масъала муттаҳид намуда, ба мубориза бар зидди коррупсия мақоми байналмилалӣ ва умумиҷаҳонӣ дода шавад. Бо ин назардошт 31 октябри соли 2003 дар сессияи 58-уми Асамблеяи генералии СММ Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия қабул карда шуда, 9 декабри соли 2003 дар шаҳри Меридаи кишвари Мексика Конфронси сиёсии сатҳи баланд бо иштироки намояндагони зиёда аз 100 давлати иштирокчӣ баргузор карда шуд. Аз ҷумла, баъди қабул ва тасдиқ гардидани Конвенсия санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалӣ, ки аз Конвенсияи мазкур бармеоянд, давра ба давра мутобиқ гардонида шуданд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, №143 таъсис додани мақомоти махсусгардонидашудаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 28 декабри соли 2012, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 7 августи соли 2020, се маротиба таҳия ва тасдиқ шудани Стратегия дар самти муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2008-2012, 2013-2020 ва барои давраи то 2030, инчунин як қатори дигар санадҳои зериқонунӣ шаҳодати ин гуфтаҳост.

Мусаллам аст, ки аҳли башарро дар қарни нав як қатор мушкилиҳои хусусияти глобалидошта пайгири намуд ва барои рушди минбаъдаи он монеаҳо эҷод менамояд. Мушкилии қарни нав дар ҷои холӣ ба миён наомада, кулли он натиҷаи фаъолияти худи инсон мебошад, ки дар натиҷаи аз меъёри рафтори берун баромаданаш ба мушкилии хатаровар табдил ёфтааст. Яке аз мушкилоте, ки инсониятро дар тамоми давраҳои таърихиаш ҳамроҳи намуда буд ва имрӯз низ бо ӯ ҳамқадам аст ва яке аз мушкилоти глобалии давраи муосир низ ба шумор меояд, ин коррупсия мебошад. Масъалаи коррупсия ва хусусиятҳои он яке аз масъалаҳои муҳим ва актуалӣ дар давраи муосир мебошад, ки ҷомеаи башариятро ба ташвиш овардааст. Ин мушкилот дар паси худ пайомадҳои бадеро ки инсоният ҳато тасаввур карда наметавонад ба миён меорад. Яъне коррупсия оғозбахш баҳри мушкилиҳои дигари ҷаҳон ва ҳамзамон хатари ҷиддитарин ба инсон мебошад. Дар ҳоли ҳозир коррупсия ба яке аз таҳдидҳои навини олам табдил ёфтааст, ки амнияти давлатҳо ва муносибатҳои ҷамъиятиро зери хатар мегузорад.

Дар ҷаҳони имрӯза коррупсия яке аз масъалаҳои умумибашарӣ ба ҳисоб рафта дар роҳи муваффақона амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон, дар рушди умумимиллӣ, болоравии иқтисодиёт ва некуаҳволии иҷтимоӣ халал ворид месозад. Коррупсия ҳамчун фаъолияти ҷинояткорона дар тамоми соҳаҳои гуногуни ҷомеа дониста шуда, аз ҷониби шахсони алоҳида бо мақсади ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва ғаразҳои дигар воқеӣ мегардад. Бо баробари пайдоиш ва ташаккули давлат коррупсия низ дар шаклҳои оддиаш пеш омадааст ва қариб тамоми давраи рушди таърихии оламро дар сатҳи гуногун ҳамроҳӣ намудааст. Амалҳои коррупсионӣ ва худи коррупсия ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ хоси ҳамаи давру замонҳо ва кишварҳо мебошад. Фақат сатҳ ва доираи зуҳури он вобаста ба масъалаҳо ва ҳолатҳои инкишофи мамлакатҳо ба таври гуногун намудор мегардад.

Дар таърихи афкори сиёсии мутафаккирони тоҷик низ аз ҷониби муҳақиқони гуногун ин масъала ёдовари шуда мавриди танқиди ҷидди қарор гирифтааст. Яке аз арбоби сиёсии халқи тоҷик Низомулмулк мебошад, ки андешаҳои худро дар бораи ришвахӯрӣ ҳамчун ҳодисаи манфури ҷомеа чунин қайд намудааст: «ба ҳар шаҳреву ноҳияе ноибе фиристад, садидуррой (маҳкамирода) ва кӯтоҳдаст, ки он чи равад аз андаку бисёр, ба илми эшон бошад, на чунон ки ба сабаби ишон аз мушоҳараву музд боре бар раият афтад ва ба тозагӣ ранҷе ҳосил шавад. Ва ишонро он чӣ ба кор ояд, аз байтулмол бидиҳанд, то ишон ба хиёнат кардан ва ба ришват ситодан муҳтоҷ набошанд. Ва ин фоида, ки аз ростӣ кардани ишон ҳосил шавад.

Ин амали ҷиноӣ вобаста ба шароити давраҳои таърихии ҷомеа дар шаклҳои мухталиф намуддор мегардад ва сатҳи муборизаи он низ махсусияти худро соҳиб мебошад. Яке аз шартҳои муборизаи муваффақона бар зидди коррупсия ин фароҳам овардани заминаи мусоид ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа аст. Аслан, вақте ки бо баробари пайдоиш ва ташаккули давлат коррупсия дар шаклҳои оддиаш пайдо гардид, масъалаи мубориза бар зидди ин падидаи иртиҷоӣ ва ифротӣ, ки метавонад

ба асосҳои давлатдорӣ таҳдид намояд ва онро хароб намояд, барҷаста гардидааст.

Душвории мубориза бар зидди коррупсия дар он зоҳир мегардад, ки он натанҳо проблемаи ҷиноӣ (криминалӣ), балки иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ мебошад. Зиёда аз ин, дар марҳилаи муосир имкониятҳои зиёд барои амалҳои коррупсионӣ пайдо мегарданд, ки натиҷаи ин ба рушди иҷтимоӣ хатарҳои ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Ҳар қадаре ки сатҳи коррупсия зиёд гардад, ҳамон қадар таъсири манфии он ба обрӯи давлат дар миқёси байналмилалӣ бештар мерасад ва ин ба ҷалби сармояи хориҷӣ монеъ мегардад. Ҳамчун таҳдидҳои иҷтимоию иқтисодиро ба амнияти давлат ба вуҷуд меорад. Барои ҳамин муборизаи таъсирнок бо ин танҳо тавассути амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳое, ки дар асоси сиёсати ягонаи зидди коррупсионӣ бунёд мегардад, имконпазир аст.

Дар воқеъ мубориза бар зидди коррупсия ва ҷиноятҳои хосияти коррупсионӣ дошта, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат ба шумор меравад. Зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ асосҳои давлату давлатдориро аз байн бурда, ба фаъолияти муқаррарии мақомоти давлатӣ халал расонида, таъсири манфии хешро ба равандҳои иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ мерасонад. Инчунин ба рафтору тафаккури ҷомеаву самтҳои дигари ҳаёт зарари ҷиддӣ мерасонад. Мубориза бар зидди коррупсия дар ҷомеаи муосир масъалаи мураккабтарин аст. Замон ва макон дар раванди мубориза бар зидди ришваситонӣ ва ришвадиҳӣ роҳу усулҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Коррупсия худ ба худ аз байн намеравад. Барои аз байн бурдани он ва ё паст намудни дараҷаи амалигардии он ба вуҷуд овардани шароити арзандаи ҳаётӣ ва маданияти баланди шаҳрвандӣ зарур мебошад. Ҳамчунин дар ин самт қабул шудани санадҳои муҳим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, моро водор менамояд, ки ба хотири пешрафту инкишофи давлати азизамон атрофи масъалаи пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия боз ҳам муттаҳид гардем. Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон, ҷалби бештари қишрҳои ҷомеа, истифодаи маҷмӯи воситаву усулҳои муосир дар мубориза бар зидди коррупсия тамоми кӯшишу имкониятҳои худро равона созем. Дар ин замина баҳри ташаккули тафаккури зиддикоррупсионии ҳар як фарди ҷомеа кӯшиш ба харҷ дода, баҳри паст намудани таъсири коррупсия саҳми худро гузорем.